## Такриз

**ба фишурдаи диссертатсияи Робияи Абдусамад дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ ва маънои истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)**

Таҳлили муқоисавии истилоҳоти ин ё он соҳа дар шароити мусоири ҷаҳонишавӣ яке аз масъалҳои муҳим ба шумор рафта, ба фаъолияти мутахассисони соҳа мусоидат мекунад. Таҳлили луғавию сохтории истилоҳоти китобдории забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ пажуҳиши саривақтӣ буда, барои пешрафти ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ таъсири мусбӣ хоҳанд расонд, зеро китобдорӣ бо соҳаи адабиётшиносӣ ё забоншиносӣ, ки дар рушди ҷомеъа нақши муҳимро мебозанд, алоқаи устувор дорад.

Агар аз як тараф, афзалиятнокии диссертатсия дар интихобу гурӯҳбандии гунаҳои тоҷикиву англисии истилоҳоти бахши мазкур аз вожаному фарҳангномаҳои соҳавӣ ба ҳисоб равад, аз тарафи дигар, вижагиҳои забонии ҳар як истилоҳи соҳаи таҳқиқ таҳлилу баррасӣ ва муқоиса гардида, ба мутахассисони соҳа пешниҳод шудааст.

Аҳамияти илмию амалии таҳқиқ, пеш аз ҳама, дар он аст, ки маводи рисола бар мабнои вожаномаву фарҳангномаҳо ва сарчашмаҳои соҳавӣ ва илмӣ таҳияву таҳлил ва баррасиву муқоиса гардида, бо як низоми муайян бастубанд шудаанд, ки аз он на танҳо мутахассисони соҳа, балки, китобхонаҳои муассисаҳои олӣ ва миёнаи касбӣ ва умумӣ, дар муассисаҳои фарҳангӣ, инчунин дар коркард, навишти рисолаҳои илмӣ, семинару конфронсҳои махсус, гузаронидани лексияҳо аз фанҳои грамматикаи муқоисавӣ-таърихӣ, луғатшиносӣ, китобхонашиносӣ, таълифи корҳои илмӣ-методӣ, барои мураттабсозии луғатҳои дузабона ва бисёрзабона ба таври фаровон метавонанд истифода баранд.

Диссертатсияи Робияи Абдусамад аз мукаддима се боб, хулоса, фехристи адабиётхои истифодашуда ва замима иборат аст.

Боби якуми рисола **«Заминахои назариявии тахкики истилохоти китобдорӣ дар забонхои мукоисашаванда»** ном дошта, дар он мафхуми истилох, сарчашмахои ташаккулёбии истилохоти китобдорӣ дар забонхои киёсшаванда ва заминахои назариявии истилохшиносӣ мавриди тахкику баррасии илмӣ карор гирифтаанд.

Мухакик кайд намудааст, ки асоси назариявии истилохшиносии забони точикӣ дар тахкикоти олимони ватани М. Ш. Шукуров, Ш. Р. Рустамов, М. Н. Косимова, Т. Кодир, А.Турсунов, С.Назарзода, С.Султонов, М. Мухаммадиев, С. Чаматов, Ш. Каримов ва дигарон мавриди корбаст карор гирифтааст. Инчунин ишора намудааст, ки оид ба сохаи китобдорӣ ва библиографӣ, бахусус дар мавриди истилохоти китобдорӣ, олимон ва библиографони собик шуравӣ О.Ф. Акимушкин, А. З. Валидова, А. Г. Косимова, Б. Н. Лунин, Э. А. Охундчонова, А. И. Кормилитсин, З. М. Шевченко, В. Н. Банк, А. Г. Биснек, К. Ф. Шафриновский, Н. М. Зелдович, А. Язбердиев ва дигарон фикру акидахои худро баён намудаанд (сах. 5).

Боби дуюми рисола **«Тахлили сохтории истилохоти китобдорӣ дар забонхои точикӣ ва англисӣ»** номгузорӣ шуда, дар зербобхои он масъалаи истилохоти яктаркиба, сертаркиба ва истилохиборахои сохаи китобдорӣ тахкик гардидаанд. Дар ин боби рисола истилохоти чамъовардаи мухакик дар колаби усулхои маъмули калимасозӣ тахлил шудаанд.

Мухакик кайд мекунад, ки яке аз воситахои махсулноки калимасозӣ дар забонхои мавриди киёс истилохоти дутаркиба ва бисёртаркиба ба хисоб меравад. Ба андешаи муаллифи диссертатсия дар сохаи китобдорӣ бештар истифодаи истилохоти иборавӣ хос буда, микдори зиёди иттилоотро инъикос менамоянд.

Боби сеюми диссертатсия **«Таҳлили маъноии истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** ном дошта, дар он вижагиҳои маъноии истилоҳоти китобдории забонҳои мавриди қиёс таҳлилу баррасии амиқ қарор гирифтаанд. Ба омонимшавӣ, сермаъношавӣ, муродифшавӣ, ва мутазодшавӣ дучор гардидани истилоҳоти соҳаи китобдорӣ низ дар ин боби рисола таҳқиқ мегарданд. Масоили иқтибосшавии истилоҳоти китобдорӣ низ дар боби мазкур мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Ҳар як боби диссертатсия бо хулосаҳои илмиву далелҳо ҷамъбаст шудааст.

Фишурдаи диссертатсия ва мақолаву маводи илмии ба нашр расонидаи мухаққиқ мазмуну мундариҷаи асосии диссертатсияро фаро гирифтааст. Забони фишурдаи мазкур фасеҳу равон буда, натиҷаи пажуҳиши муаллифро инъикос мекунад.

Бояд қайд кард, ки дар фишурдаи диссертатсия дар баробари комёбиҳо баъзе ғалатҳо роҳ ёфтаанд, ба монанди:

1. Аксарияти истилоҳоти китобдории забонҳои муқоисашаванда баромади арабиву русӣ (дар забони тоҷикӣ), юнониву лотинӣ ва франсавиву олмонӣ (дар забони англисӣ) доранд. Хуб мешуд, ки муаллиф таҳлили решашинохтии номвожаҳои ҳарду забонро анҷом медод.

2. Дар саҳифаҳои ҷудогонаи фишурдаи диссертатсия ғалатҳои имлоӣ (15, 27, 37) ва техникӣ (8,14, 19) ба чашм мерасад.

Эродҳои зикршуда арзиши илмию назарӣ ва амалии диссертатсияро кам намесозад ва ислоҳи онҳо дар таълифоти минбаъда ба манфиати кор мебошад.

Ба ҳамин тартиб метавон хулоса намуд, ки диссертатсияи Робияи Абдусамад ба унвони «Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва

муқоисавӣ) пешбарӣ шудааст, таҳқиқоти анҷомёфта ва ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он – Робияи Абдусамад барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) арзанда мебошад.

Муқарриз:
Номзади илмҳои филологӣ,
омӯзгори калони кафедраи забонҳои
Консерваторияи миллии Тоҷикистон
ба номи Талабхӯҷа Сатторов Жураева Р. С.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи Ҳусейнзода, 155, Консерваторияи миллии
Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов
E-mail: tjconservator@mail.ru

Имзои Р. С. Жураеваро тасдиқ мекунам:
и.в. Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Консерваторияи миллии Тоҷикистон
ба номи Талабхӯҷа Сатторов Алиҷонова Н. Э.

«31» 05 2023